АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015

ФАЛСАФА ВА ҶОМЕАШИНОСӢ

УДК: 1+26
АЗИМОВ Ҷ. [1]

# ҲАЛЛОҶ ВА АНДЕШАИ МАҲДАВИЯТ

Маҳдавият ва ё таълимот дар бораи наҷотбахш (фиристода ва маъмуриятёфтае аз сӯйи Худо, ки «адли илоҳӣ»-ро дар рӯйи замин барои ҳамеша барқарор мекунад) дар ҳамаи динҳо, пеш аз ҳама дар яҳудият, масеҳият ва ислом дида мешавад. Эътиқод ва бовар ба Маҳдӣ дар ин динҳо зери таъсири зартуштия, ки бар ин динҳо пешӣ дорад ва дар он на танҳо дар бораи як наҷотбахши башар, балки дар бораи «сушиёнатҳо» сухан меравад, ба вуҷуд омадааст.

Дар ислом образи наҷотбахш дар симои Маҳдӣ – «имоми ғоиб», имоми дувоздаҳуми аҳли шиъа муаррифӣ мешавад, ки рӯзе зуҳур карда, адли илоҳиро барқарор менамояд.

Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ (858 – 922) – мутафаккири бузурги эронӣ-исломӣ, яке аз пешвоёни ҷунбиши миллию озодихоҳии эрониён бар зидди зулму ситами арабҳо (аббосиён), сӯфии вораста, ки ҳам гуфт «Ман Худоям» соли 922 худро Маҳдӣ эълон намуд ва ҳамон сол бо фармони халифаи аббосӣ Муқтадир кушта шуд.

Ҳаллоҷ он замон, бахусус дар Хуросону Мовароуннаҳр, ҳамчун Маҳдӣ пазируфта шуд. Инчунин дар солҳои баъд донишмандони бузурги эроние, чун Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Аттор, Мавлоно, Суҳравардӣ, Ҷомӣ ва басе дигарон ба вилояташ сар ниҳоданд ва ӯро Инсони комил, чунонки Маҳдист, хонданд.

**Вожаҳои калидӣ:** Ҳаллоҷ, Маҳдӣ, Зартушт, сушиёнатҳо, наҷотдиҳандаи мавъуд, қарматиён, Салмон, валӣ, роҳбари рӯҳонӣ, қутб, раҳоишгар, ислоҳотгар

Миёни орифони бузурги Эрон Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ аз нахустин нафароне будааст, ки дар кешҳову мазҳабҳо ва фалсафаҳои роиҷи рӯзгораш мутолиоте фаровон дошта ва дар мавзӯъҳои гуногуни динию фалсафӣ ибрози назар намудааст. Ҳеҷ масъалаи муҳим ва созандаву баҳсталабе набуда, ки аз назари ҷӯяндаи ӯ дур афтода бошад. Зеро ин озодамарди андеша бо табъе хурӯшон аз ҳар мавзӯе, ки дар пешрафту такомули ҷомеа муассир аст, пай гирифта ва онро бо тарзи вижаи худ баррасӣ намудааст. Ҳам ба навиштаи Атоуллоҳи Тадайюн *«аз ифтихороти зиндагии Мансур мубориза ва ҷанги беамон ва хастагинопазир бо қудратмандони замонаш буд»* [3, 453].

Саййид Ҳамиди Табибиён низ бар ин андеша аст, ки Ҳаллоҷ *«болотарин ҳадафи худро раҳонидани бандагони Худо аз зери юғи ҷабру бедоди ҳуккоми вақт қарор дода буд ва ба ҳамин сабаб аст, ки дар тамоми ҳаракатҳо ва ҷунбишҳое, ки дар Бағдод ва ё бархе дигар аз ҷойҳои он рӯзгор буруз ёфтааст, нишони муассире аз Ҳаллоҷ ёфт мешавад»* [4, 6].

Ба дурустӣ, чунонки аз хатти зиндагии Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ бармеояд, ҳадафи ӯ аз пайгирии масъалаҳои муҳимму созанда ислоҳи ҷомеа ва роҳ намудани мардум ба сӯйи як зиндагии инсонӣ будааст. Ва бо ҳамин мақсад будааст, ки бо ҳамаи мардони озодандеш, бо ҳамаи роҳбарони ҷунбишҳои мардумӣ ва сиёсатмадорони равшанройи рӯзгораш иртиботи дӯстона барқарор намуда, бо онҳо навишту хонд дошт ва барои бархе аз онон рисолаҳои сиёсӣ ҳам иншо кард.

Мутаассифона, он чӣ Ҳаллоҷ доир ба масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ навишта, чизе имрӯз дар даст нест. Аҳли ҳасад ва мухолифони сиёсиву мазҳабиаш ҳамаро бисӯхтанду бидариданд…

[1]**Адрес для корреспонденции:** Азимов Джамшед – начальник отдела по разработке экзаменационных материалов Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан. 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Фирдавси 13/2, кв.39. Тел. 909148488.

Аз хатти зиндагии Ҳаллоҷ бармеояд, ки баъд аз қатъи робита бо сарони сӯфия ӯ ба ҳаракатҳои мардумӣ дар қаламрави хилофат, бавижа ҷунбишҳои миллию озодихоҳии эрониён пайваст ва аз зери юғи ҷабборон раҳонидани мардум ва ба шукуфоӣ расонидани онҳоро вазифаи муқаддаси худ донист. Аз ин рӯ дар овони ҷавонӣ ҳангоми таҳсил дар Басра ба сафи шӯришиёни Занҷ пайваст.

Сабаби ба занҷиён пайвастани Ҳаллоҷ аз як сӯ ҳисси адолатхоҳии ӯ (эҳсоси ҳамдардӣ бо бардагони зангӣ) бошад, аз сӯйи дигар пайванди қавмии ӯ бо роҳбарони ин қиём аст, зеро Алӣ Муҳаммади Бурқаӣ (роҳбари шӯришиён) худ аз рӯшанфикрони аҳли Рай буд ва сардорони сипоҳу мушовиронаш низ аксар эронӣ буданд. Аз ин ҷост, ки Мир Фатрус бо такя ба таърихнавиштаҳо наҳзати Занҷро қиёми зиддиарабии эрониён донистааст [2, 50-51]. Ҳаллоҷ баъд аз шикасти қиёми зангиён бо роҳбарони ҷунбиши бузурги қарматиён робита барқарор намуд.

Аммо дар мавриди иртибот бо қарматиён (ва низ занҷиён) байни муаррихон ва муҳаққиқони зиндагиномаи Ҳаллоҷ ихтилофи назар аст. Луйӣ Масинйун, ки шинохтатарин муҳаққиқи рӯзгор ва осори Ҳаллоҷ аст, доир ба робитаҳои ӯ бо қарматиён далелҳои зиёде ба даст медиҳад, вале ахиран ба ин натиҷа мерасад, ки ӯ сӯфии динбовар буд, ки ба қавонини шариат ва давлат сари таъзим фуруд меовард ва ба иттиҳом шаҳид шуд. Шогирдони Масинйун Ружа Орнолдз ва Ҳерберт Масон низ бо ин ақидаи ӯ мувофиқат кардаанд, ҳарчанд Масон ҷойи дигар менависад: *«барои низоми сиёсии мустақар дар он замон ва шабакаи решадори судҷӯиҳои шахсӣ… вуҷуди Ҳаллоҷ таҳдиде ба ҳисоб меомад»* [9, 29-30]. Ин гуна зидгӯиҳо дар навиштаҳои Атоуллоҳи Тадайюн (Ҳаллоҷ ва рози «Аналҳаққ») ва Абдулҳусайни Зарринкӯб (Ҳаллоҷ) хеле зиёданд. Аммо дар ин зимн Мир Фатрус ва Саййид Ҳамиди Табибиён назари дуруст доранд. Инҳо шахсияти иҷтимоии Ҳаллоҷро таъйид намуда бо далелҳои кофӣ натиҷагирӣ мекунанд, ки Ҳаллоҷ на танҳо бо қарматиён ҳампаймон ва ҳамдостон буд, балки бо ҳама чеҳраҳои огоҳ (пешқадам) ва ҳаракатҳои ислоҳталабӣ ва озодихоҳӣ робита ва тамоси наздик дошт [2, 188-189; 4, 6].

Хеле аз муаррихон ва муҳаққиқон робитаи мактум ва мукотибаи мармузи Ҳаллоҷ бо роҳбари қарматиён – Абусаиди Ҷинобиро тасдиқ намудаанд. Мир Фатрус ин иртиботро боз ҳам дар эронӣ будани Ҳаллоҷ ва Абусаид ва *«вуҷуди як носиюнолизми мутараққӣ ва мусбат дар ҳар ду»* дониста навиштааст, ки *«Ҳаллоҷ ба унвони мубаллиғи идеулужии қарматиён дар Хуросон ва навоҳии дигар фаъолият мекард» [*2, 187-189].

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки чеҳраи инқилобии Ҳаллоҷ ва иртиботи ӯро бо қарматиён ба рӯшанӣ менамоёнад, масъалаи маҳдавият аст. Пардохтан ба ин мавзӯъ буд, ки ба сафи душманону бадхоҳонаш афзуд ва номи ӯ дар рӯйхати сиёҳи сӯфиёну уламои зоҳирӣ ва Абусаҳли Навбахтӣ – роҳбари шиъиёни имомӣ қарор гирифт. Аммо Ҳаллоҷро аз ин парвое набуд ва ҷасурона ба парокандани андешаи худ дар боби маҳдавият мепардохт…

Маҳдавият таълимоти динию фалсафии ислом аст. Агар ин мафҳумро бишкофем, маънии эътиқод ва бовар ба зуҳури Маҳдӣ – имоми ғоибро медиҳад. Ва Маҳдӣ (ҳидояткунанда, ҳодӣ, пешво) номи имоми ғоиб ва мунтазири муслимин, бахусус шиъиён аст, ки бо номҳои Қоим ва Ҳуҷҷат низ ёд мешавад. Ин таълимот аввал дар байни имомия ба вуҷуд омад ва баъд аз он дигар фирқаву мазҳабҳои ислом онро қабул намуданд.

Тафовути асосӣ миёни шиъа ва суннӣ дар масъалаи маҳдавият ин аст, ки аҳли ташайюъ имоми дувоздаҳуми хешро ба унвони ҳазрати Маҳдии Мавъуд муаррифӣ мекунанд, дар ҳоле ки аҳли тасаннун бар ин боваранд, ки ӯ ҳанӯз ба дунё наомадааст ва фақат пеш аз Охирзамон аз дудмони Паёмбари гиромии ислом (с) зода мешавад, то ҷаҳони нобасомонро сару сомон бубахшад ва адли илоҳиро барқарор намояд [5, 20]. Ин Маҳдии Мавъуд ё имоми мунтазири (ғоиби) шиъа Муҳаммад – писари хурдсоли имоми ёздаҳум Абумуҳаммад Ҳасани Аскарӣ аст. Аскарӣ, ки соли 873/74 дар зиндони халифаи Аббосӣ вафот кард, имомиён Муҳаммадро имоми дувоздаҳум эълом доштанд. Вале ӯ бо тарзи номаълум ғайб зад. Пайравонаш ӯро имоми «ғоиб» ва Маҳдӣ хонданд, ки рӯзе

зуҳур карда *«ҳуқуқи поймолшудаи хонадони баргузидаи Алиро бармегардонад ва дар рӯйи замин адолатро барқарор мекунад».*

Маҳдавият асосан рӯҳияе инқилобӣ ва баробаричӯист, ки ҷавҳари таълимоташ наҷоти омма аз гумроҳӣ, зулму истибдод ва барқарории адолат ва озодии инсонҳо мебошад.

Ба андешаи муаллифони «Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он» ин таълимот *«аз динҳои яҳудию масеҳият, гояҳои гностикӣ (ирфонӣ) ва навпифагореизм, инчунин дигар таълимотҳои идеологии салафони гоявиаш гизои маънавӣ гирифтааст».* Ё дар ҷои дигари ҳамин маълумотнома механем, ки *«гояи риҷъати имом (имоми мунтазир, маҳдавият)… бешубҳа аз унсурҳои фалсафаи элинӣ ва таълимоти яҳудию масеҳият гизои маънавӣ гирифта буд»* [10, 93].

Ба ин маънӣ, ки чаҳор ҳазор соли пеш эътиқод ба «наҷотбахш» дар андешаи орёӣ вуҷуд дошта ва 3800 соли пеш бо зуҳури ҳодие муаззам ва *«покмарде бо магзе бедор ва андешае рӯшан»* ин маънӣ бозгӯӣ шуд. Яъне пеш аз он ки Испинтамон Зартушт зуҳур кунад ва «ҷаҳонеро тоза гардонад», мардуми сода ва ростпарасти Орёно, ки аз ситаму ҷафои зӯргӯён хаста шуда буданд, омадани наҷотбахше далер ва роҳбаре доноро чашм доштанд. Ёвар ва раҳнамое, ки дар партави омӯзишҳои Росту Дуруст ба пирӯзӣ расида ва паноҳи дармондагон аст. Роҳбаре доно, ки бо неруи андешаи нек мардумонро ба як зиндагии хушу ором мерасонад.

Чун он довари доно ва наҷотдиҳанда зуҳур кард, ба сароҳат эълом дошт, ки: *Ман Зартушт, душмани сарсахти дурӯгу дурӯггӯён ҳастам ва то он ҷо ки маро неруву тавон аст, бо онҳо пайкор хоҳам кард, вале бо тамоми қудрат ёвару пуштбони некон ва дурусткирдорон хоҳам буд. Ман аз ойини ростӣ ва ҳама касоне, ки паёми осмонии Худовандро месароянд пуштбонӣ хоҳам кард.* Дар бандҳои 4 ва 6-уми Ҳоти 33 механем: **«Пас, ай Маздо, ман, ки ситоишгари ҷовидонаи Туам, бадандешӣ ва бадикрдориро аз Ту дур нигаҳ хоҳам дошт, ва дар ин росто, бадманиширо аз хешовандон, рашку баддилиро аз ҳамкорон, накуҳиш ва сарзанишро аз мардумони шаҳр ва душманию дурӯғро аз паҳнаи гетӣ пок хоҳам намуд…**

**Чун манам он ниёишгари устувор ба ростӣ, ки бо беҳтарин андешаҳо ва бо меҳри бекарон ба Ту, ончунонки Ту мехоҳӣ, ба роҳнамоӣ ва ободгарии мардум хоҳам шитофт. «** [6, 48 – 49].

Воқеан Ашу Зартушт худ аз ҷумлаи он наҷотдиҳандагони башар аст, ки аз ҷониби Ҷаҳондодори бузург маъмурият ёфт, то мардумро аз гумроҳӣ ва табоҳиву фасод ба сӯйи Некандешӣ, Покӣ, Ростиву Дурустӣ ва Ишқу Муҳаббат роҳ намояд.

Ашу Зартушт борҳо ва борҳо дар сурудаҳои покаш аз сушиёнатҳо (наҷотдиҳандагони башар) – *«он мардони муаззам ва донову некукор ва бовафои башар, ки ҷуз Худованди тавоно касе дигарро дар назар надоранд ва ҳадафи онҳо роҳбарии мардум ба сӯйи ростиву дурустӣ ва тараққиву пешрафти ҷаҳон аст ва дар ҳақиқат чун падаре меҳрбон ва дӯсте самимӣ ба мардум меҳр меварзанд ва ёрӣ мекунанд» [*7, 511] сухан мегӯяд. Аз ҷумла дар банди 12 Ҳоти 48 мегӯяд: **«Ай Маздо. Судрасонони озодибахши кишварҳо, сушиёнҳо касоне хоҳанд буд, ки дар партави ростӣ ва бо пайравӣ аз андешаи нек ва омӯзишҳои Ту ормонеро, ки ба онҳо дода шуда ба анҷом расонанд ва хашму ситамро аз миён бардоранд».** [6, 121].

Донишмандон бар онанд, ки «Сушиёнат» аз масдари **су (su)** омада, ба маънии суд расонидан. **«Яъне касе, ки ба дигарон суд расонад ва ёрӣ кунад ва манзураш ҷуз хайру салоҳ ва рифоҳу осоиши дигарон чизе набошад, сушиёнат гӯянд»** [7, 511].

Кӯтоҳи сухан ин аст, ки дар парвариш ва густариши ин таълимот дар домани ислом фикри орёӣ нисбат ба дигар андешаҳо заминаи асосӣ ба ҳисоб мерафта. Ба ибораи дигар эътиқод ба *«мунҷии мавъуд»* ба кешҳои бузурге чун яҳудият, масеҳият ва ислом аз андешаи орёӣ гузаштааст. *«Чун дини яҳуд пояи адёни иброҳимӣ будааст, тавассути муътақидоти яҳудиён дар онҳо низ таъсир кардааст» [*12, 237 ва 249].

Дар ин маврид сухан зиёд аст, вале ба навиштае аз мутарҷиму муфассири «Таврот»-и ибрии сомариён, донишманди олмонӣ Август Фон Голл, ки Ҷалолуддини Оштиёнӣ дар китоби «Зартушт»-и худ навишта карда, басанда мекунем. Ӯ навиштааст: *«яҳудият аз*

*даврони Куруш таҳти таъсири ақоиди мазҳабии порсизм қарор гирифта будааст ва ҳамин эътиқод ба сушиёнат ва ноҷӣ, ки аз эрониён иқтибос шуда буд, рафта-рафта чунон қувват гирифт, ки билохира дар як гавҳораи ҷадид масеҳиятро ба вуҷуд овард. Ба ибораи дигар масеҳият мингайри мустақим зойидаи фарҳанги эронист». [*12, 249].

Ин далелҳои равшан бори дигар моро ба ин бовар мекашонад, ки воқеан ҳам эътиқод ба **«мунҷии мавъуд»** ё **«наҷотбахши башар»** аз андешаи эронӣ ба яҳудият ва масеҳият гузашта ва баъд аз он бо номи «маҳдавият» дар домани ислом парвариш ёфтааст.

Таълимоти маҳдавият, ки дар аввал ҷанбаи сиёсӣ дошт ва «шомили мафҳумҳои баробарӣ, озодӣ, хайри умум ва дигар арзишҳои иҷтимоиву ахлоқӣ буд», оҳиста-оҳиста дар рӯзгори Ҳаллоҷ барои баёни «мақосиди фалсафӣ» ба кор гирифта шуд, бо истифода аз «ҷафр» – илме, ки ба воситаи ҳарфҳои алифбои арабӣ донандаро аз ғайб огоҳ месохт. Яъне ҳар як ҳарфи сомити (ҳамсадои) алифбои арабӣ дорои рамзе буд. Аз ҷумла «мим» – рамзи Муҳаммад, «ъайн» – рамзи Алӣ ва «син» – рамзи Салмон. Ва мусалмонон, аз ҷумла аҳли ташайюъ ба ҳаводорони «мим», «ъайн» ва «син» бахш шуда буданд. Ҳаводорони Салмон, аз ҷумла наҳзати инқилобии қарматиён (зодаи наҳлаи «синия») ӯро роҳбари маънавӣ ва рӯҳонии хонадони нубувват (ҳодӣ ва валӣ) медонистанд. Онҳо қоил ба улуҳияти Салсол (номи ирфонии Салмон) – як мавлои содаи эронӣ буданд. Аз ин рӯ Ҳаллоҷ бо пайвастан ба сафи қарматиён боре бар ин ақида устувор шуд, ки **вилоят аз нубувват бартар аст…**

Ҳаллоҷ дар шаҳри Толиқон, ки аз умдатарин марказҳои таблиғотии ӯ дар Хуросон буд, ривояте барои инқилобиёни қарматӣ навишт ва онондро аз зуҳури валии қариб «пешвое ҳодӣ, хубҳидояткунанда» – Маҳдие аз тирози Салмон башорат дод, ки **«иҷобат кунанд доъии Ҳаққро»**. Ин башорати Ҳаллоҷ низ бесабаб набуд, зеро ӯ хуб мешинохт як ҳадиси куҳанеро ба ин мазмун, ки *«Худо дар Толиқон ганҷе махфӣ дорад, ки ҳар гоҳ бихоҳад онро аён хоҳад кард ва пешгӯиҳои ӯ барҳаққ буда ва бо иҷозаи ӯ зуҳур хоҳад кард ва дини Худоро таблиғ хоҳад намуд» [*8, 352]. Ин буд ки Ҳаллоҷ бо таълимоти «синия»-и худ дар Хуросон, бавижа дар Толиқон ҳаводорони зиёде пайдо намуд.

Он Маҳдӣ, ки Ҳаллоҷ дар Толиқон аз зуҳураш башорат дод, ҳамон «шоҳидулқидам» ё «мутоъ» (касе ки мардум итоати ӯ карда бошанд ) буд, ки салмониён ӯро **«шоҳиди онӣ», «бадал», «валии мурсал»** ё **«шафиъи онӣ»** мехонданд. Ӯ касест, ки **<u>«бо тақаддуси худ хашму сахати илоҳиро мавқуф медорад, ҳамон рукни рӯҳонӣ, ки монеъ аз дарҳам рехтани ҷаҳон аст. Гуфтаанд, ки вай як мавлои оддист, бегонаест ғайри араб»</u>** [8, 392]. Ва Ҳаллоҷ рӯзи 23 марти соли 922, як шаби пеш аз қатлаш ошкоро эълом дошт, ки он «шоҳиди онӣ» (шоҳиди қидам) – он Маҳдие аз тарози Салмон худи ӯ будааст. [8, 391-392].

Он рӯз, ки хабари шиканҷа ва марги Ҳаллоҷ расид, мардуми Хуросон дилбастагии худро ба ӯ нишон дод – «алами туғён барафрошт. . . ӯро Маҳдӣ эълон кард» [8, 352]. Маркази ҷунбиш Толиқон шуд ва шӯришиён гуфтанд, ки ҳеч мумкин нест, ки Ҳаллоҷ кушта шуда бошад, зеро ӯ ҳамон Маҳдист, ки зуҳураш башорат шудааст. [8, 392].

Ҳаллоҷ худро Маҳдӣ хонд – **он валии мурсал (шоҳидулқидам) аз табори Салмон – «фарзандхондае на ба сабаби қаробати ҷисмонӣ бо Пайғамбар (с), балки валие ирфонӣ ва маънавӣ».** Ин эъломи ӯро он рӯз на танҳо дар Хуросон (Толиқон) пазируфтанд, балки пасон бузургоне чун Ибни Сино, Абулқосими Насрободӣ, Насируддини Тӯсӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Шайх Аттор, Мавлавии Балхӣ, Наҷмуддини Розӣ, Шайхи Ишроқ (Сухравардӣ), Мавлоно Ҷомӣ, Баҳоуддини Омулӣ (маъруф ба Шайх Баҳоӣ), Мирдомоди Астарободӣ, Садруддини Шерозӣ, Мӯҳсини Файзи Кошонӣ, Абдулқодири Бедил, Имодуддини Насимии Озарбойҷонӣ ва басе дигар **«ӯро ба дидаи эҳтиром нигаристанд ва ба вилояташ сар ниҳоданд»**. Истахрӣ овардааст, ки **«Басе аз бузургон бар ин ақидаанд, ки ин қутб (шоҳидулҳол), ки аз назарҳо махфист ва миёни мардум зиндагӣ мекунад, худи Мансури Ҳаллоҷ аст»** [9, 34].

Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад, ки **«Муридон ва пайравонаш… ӯро аз акобири абдоли аср талаққӣ карданд ва ба чашми қутби вақт нигаристанд»** [1, 275].

Атоуллоҳи Тадайюн низ таъйид менамояд, ки **«далоил ва шавоҳиди бисёре ҳаст, ки собит мекунад ситамдидагон вайро начотдиҳанда, чораандеши худ мепиндоштанд ва дар ҳақиқат чунин буд»** [3, 446].

Оре, дар ҳақиқат чунин буд. Ҳаллоҷ ба сони як пешво, ба унвони шахсияти рӯҳонии муҳим мерафт, то дар пешгоҳи Худованд – он Ҳақиқати Мутлақ ва Адли Мутлақ ба ҳаводории ситамдидагон ва қурбониёни беадолатӣ фарёди эътироз барорад.

Бинобар ин, Ҳаллоҷ зуҳур кард ва аз тарафи Худованд маъмурияти иршод, таблиғу даъват ёфт. Ва ҳам дере нагузашт, ки дар сартосарии кишварҳои исломӣ, бахусус дар Эронзамин ҳаводорони зиёде пайдо намуд. **«Бисёре аз ин ҳаводорон дар шахси Ҳаллоҷ раҳбаре мулҳам ва мунтазир медиданд, ки ба ислоҳи ҷомеа ва зимомдорони он даъват шуда, то аз ин раҳгузар зимомдорон усули илоҳии дини ҷомеа ва арзишҳои фардӣ ва иҷтимоии онро, ки дар Қуръон суфориш шуда, бозшиносанд ва ба кор банданд».** Ин ҳавохоҳиҳои тӯдаҳои мухталифи мардум Ҳаллоҷро дар маърази хатар қарор медод, «зеро барои низоми сиёсии мустақар дар он замон ва шабакаи решадори судҷӯиҳои шахсӣ, бавижа саррофӣ ва муомилоти ғайримуҷозӣ, ки дар саросари импиротурии ислом бар хилофи таълимоти дини мубин дар ҷараён буд, вуҷуди Ҳаллоҷ таҳдиде ба ҳисоб меомад» [10, 32].

Ҳаллоҷ бо он ҳама сафарҳои зиёде, ки дар олами ислом ва берун аз он дошт, дарёфт, ки арсаи зиндагӣ ба сабаби ҳукуматдорони фасодандеш ва одамони кӯрдилу ситампеша ва лоуболӣ барои инсонсифатон танг омада. Ӯ медид, ки чӣ гуна худкомагони дурӯғпараст бузургтарин неъмати худовандӣ – озодӣ ва озодагии инсонҳоро аз онҳо баргирифта ва поймоли хеш намудаанд. Ӯ медид, ки ҳокимони каҷандеш, ки *«ташкилотҳои догмасозӣ ва нависандагону ақидасозонро дар ихтиёр доранд»* чӣ гуна мардумро аҳмақ мекунанд ва рӯҳониёни мунҳариф дар ин кор бо онҳо ҳамдостонанд ва аз ин ҳама «арӯсакҳои беирода» чун абзоре барои баровард сохтани худхоҳиҳо ва ҳавасҳои зишту пасташон кор мегиранд. Ӯ медид, ки чӣ гуна низоми мавҷуд низоме фосид аст ва ба нафъи тӯдаи заҳматкаш ва тангдаст нест.

Дар сурудаҳои поки Зартушт, дар Ҳоти 33, банди 2, ба ин нуктаи ҷолиб ишорат шуда, ки **«Касе, ки бо андешаву гуфтор ва кирдор ва бо бозувони хеш бо бадкорон пайкор кунад ва нақшаи онҳоро аҷим созад ва ё ононро ба роҳи рост роҳбарӣ кунад, ба дурустӣ чунин шахсе хости Парвардгорро анҷом дода ва ба Худованди ҷону хирад ишқ меварзад»** [7, 384].

Ва ё дар Ҳоти 34, банди 10 мегӯяд: **«Марди хирадманд бо огоҳӣ аз ин ки ишқу имон ба Худо сарчашмаи воқеии ростист, гумроҳону зишткоронро ба парвариши маниши пок ва анҷоми кори неку меҳрварзӣ ба дигарон андарз хоҳад дод ва саранҷом, ай Худованди ҷону хирад, ҳамаи зишткорон бо огоҳӣ аз ин ҳақиқат ба сӯйи Ту хоҳанд омад»** [7, 495].

Бинобар ин, Ҳаллоҷ дар партави он ишқе, ки ба Ҳаққу ҳақиқат меварзид, рисолати хешро бозшинохт ва худро Маҳдӣ – он наҷотбахш хонд, то «султаи аҳриманонро дарҳам шиканад ва дасти онҳоро аз ҷомеа кӯтоҳ кунад» ва даврони адли илоҳиро оғоз намояд, ки мардум тавонанд бо роҳ гирифтан ба сӯйи Ростиву Дурустӣ «шукуфо шаванд ва ҳаёти инсонӣ ёфта ҷаҳоне нав бисозанд», ба Ҳукумати Худо, ки ҳамон «Мадинаи фозила», ё «Ормоншаҳр» аст, бирасанд. Ҳукумати Худо он нест, ки рӯҳониён бо номи дин бар мардум ҳукумат кунанд. Ҳукумати Худо ба маънии ҳукумати фазоили оливу маънавӣ: Андешаи нек ва Ростиву Дурустӣ ва Ишқу Муҳаббат аст. Ҳукумати ин фазоили илоҳӣ-инсонист, ки низоми Ҳақ дар ҷомеа барқарор мегардад. Танҳо дар партави ин фазоили илоҳӣ-инсонӣ метавон ба саодату оромиш даст ёфт, танҳо дар ҷомеаи инсонҳои ростдин метавон ба шукуфоӣ расид… Ва Ҳаллоҷ то вопасин лаҳзаи зиндагиаш аз ин ҳадафи воло – ислоҳи ҷомеа ва роҳ намудани он ба сӯйи саодату оромиш даст барнадошт, то бар сари ин ҳадаф ҷон бохт.

**Адабиёт**

1. Абдулҳусайни, Зарринкӯб. Шуълаи Тур (зиндагӣ ва андешаи Ҳаллоҷ) / Абдулҳусайни Зарринкӯб –Теҳрон: Сухан, 1383. – 311 с.
2. Алӣ, Мир Фатрус. Ҳаллоҷ / Алӣ Мир Фатрус Чопи панҷум. –Теҳрон: «Кор», 1358 ҳ. ш. – 304 с.

3. Атоуллоҳи, Тадайюн. Ҳаллоҷ ва рози «Аналҳаққ»/ Атоуллоҳи Тадайюн –Теҳрон: Интишороти «Теҳрон», 1372 ҳ. ш. – 466 с.
4. Ахбори Ҳаллоҷ. Гирдоварии Л. Масинйун ва П. Кроус, тарҷумаи форсии Сайийд Ҳамиди Табибиён. –Теҳрон: «Иттилоот», 1374 ҳ. ш. – 94 с.
5. Ганҷинаи илоҳӣ, ҳазор сухан аз имомони пок (ъ). Фароҳамоваранда Фотеҳи Абдуллоҳ. – Душанбе: «Деваштич», 2007. – 331 с.
6. Готҳо: сурудҳои аҳуроии Зартушт. Пажӯҳиши Хусрави Хазоӣ. –Бруссел: كانون اروپائي براي آموزش جهان بيني زرتشت, 2006. – 154 саҳ.
7. Готҳо: сурудҳои Зартушт. Тарҷума ва тафсири мӯбад Фирӯзи Озаргушасп. Дар 2 ҷилд, ҷилди 1, –Теҳрон: فروهر, урдибиҳиштмоҳи 1351 ҳ. ш. – 780 с.
8. Луйӣ Масинйун. Сухани «Аналҳаққ» ва ирфони Ҳаллоҷ. Тарҷумаи Сайийд Зиёуддини Деҳшерӣ / Луйӣ Масинйун –Теҳрон: «Ҷомӣ», 1374 ҳ. ш. – 459 с.
9. Луйӣ Масинйун. Қавси зиндагии Мансури Ҳаллоҷ. Тарҷумаи дуктур Абдулғафури Равонфарҳодӣ / Луйӣ Масинйун –Теҳрон: Интишороти «Манучеҳрӣ», 1358 ҳ. ш. – 102 с.
10. Массон Ҳерберт, Ҳаллоҷ. Тарҷумаи Маҷдуддини Кайвонӣ / Массон Ҳерберт – Теҳрон: нашри «Марказ», 1380 ҳ. ш. – 119 с.
11. Муҳаммадқул, Ҳазратӣ, Исматуллоҳи Саидиён. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он / Муҳаммадқул Ҳазратӣ –Душанбе: «Ориёно», 1993. – 224 с.
12. Ҷалолуддини, Оштиёнӣ. Зартушт / Ҷалолуддини Оштиёнӣ–Мюних, 1995. – 506 с.

**АЗИМОВ Дж.**

## ХАЛЛАДЖ И УЧЕНИЕ О МЕССИАНСТВЕ

Мессианство или учение о спасителе (ниспосланного богом и долженствующего навечно установить «царство божее» на всей земле) нашло отражение во многих религиях, прежде всего в иудаизме, христианстве и исламе. Вера в Мессию в этих религиях возникла под влиянием зороастризма, предшествовавшего этим религиям, в котором существовало представление не об одном спасителе человечества, а о многих – так называемых «сушиёнасах».

В исламе образ спасителя предстаёт в образе Махди – «скрытий имам», двенадцатый по счёту верховный руководитель шиитов, долженствующий объявиться в роли махди - мессии.

Хусайн Мансури Халладж (858 – 922гг.) – великий ирано-исламский мыслитель, один из предводителей национально-освободительного движения иранцев против арабского (аббасидского) гнёта, суфий, сказавший «Аналхакк» - «Я есть Истина», так же в 922 году объявил себя Махди, и в этом же году был казнён по приказу аббасидского халифа Ал-Муктадира.

Халладж был воспринят Мессией особенно в Хоросане и Мовароуннахре и в последуюших годах многими иранскими мыслителями, как Ибн Сино, Насируддин Туси, Аттар, Мавлоно, Сухраварди, Джами и многими другими. Этими мыслителями Халладж был признан Сверхчеловеком, каким и должен быть Мессия.

**Ключевые слова:** Халладж, Махди, Заратуштра, мессия, обещанный спаситель, карматы, Салмон, провидец, духовный лидер, сверхчеловек, освободитель, реформатор

**AZIMOV J.**

## HALLAJ AND THE DOCTRINE OF MESSIANISM

Messianism or the Teaching of Savior (Godsend and who must establish forever “the kingdom of God” worldwide) was reflected in many religions, mostly in Judaism, Christianity and Islam. Faith in Messiah in these religions occurred under the influence of Zoroastrism which preceded aforementioned religions, Zoroastrizm followed not only one Human Savior but lots of – so called “Sushiyonas”.

The icon of Savior in Islam presented as Mahdi – “The Hidden Imam”, the twelfth supreme of Shiite, supposed to appear as Mahdi – Messiah.

Husain Mansuri Khallaj (858 – 922) – great Iranian-Islamic thinker, one of the leader of national-liberation movement of Iranians against Arab oppression, Sufi, said “Analhak” – “I am the Truth”, and also in 922 proclaimed himself as Mahdi and in the same year he was executed by the order of Abbasside caliph Al-Muktadiri

Kallaj was recognized as a Massiah especially in Khurasan and Movarounahr and during subsequent years by many of Iranian thinkers/philosophers such as Ibn Sina, Nasiruddin Tusi, Attar, Mavlono Rumi, Sukhravardi, Jami and may others. Khallj was recognized by these philosophers as superman, as the Messiah would be.

**Keywords:** Kallaj, Mahdi, Zoroaster, the мessiah, the promised savior, qarmatians, Salmon, visionary (seer), spiritual leader, superman, liberator, reformer